Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА — 014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон бо суроғаи: ш. Душанбе, 734067,
кучаи Нахимов, 64/14

Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи «Навоваріҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.

Таъмини рушди устувори низоми бонкӣ яке аз шартҳои муҳимми фаъолияти самараноки иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд татбиқи навоваріҳо ва технологияҳои муосир метавонад ба беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳои бонкӣ, баланд шудани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва васеъ гардидани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат намояд.

Аз ин ҷиҳат, мавзӯи диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим дорад. Муаллиф дар автореферат масъалаҳои ташаккул ва рушди навоваріҳои бонкӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва таъсири онҳоро ба рушди иқтисодиёт мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар таҳқиқот ба масъалаи такмили хизматрасониҳои бонкӣ тавассути истифодаи технологияҳои муосир диққати зарурӣ дода шудааст. Хизматрасониҳои бонкии фосилавӣ, воситаҳои электронии пардохт, маҳсулоти рақамии молиявӣ ва дигар шаклҳои хизматрасонии инноватсионӣ имрӯз ба унсурҳои муҳими фаъолияти низоми бонкӣ табдил ёфтаанд.

Scanned with CamScanner

Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки рақамикунонии фаъолияти бонкҳо метавонад барои баланд бардоштани самаранокии хизматрасонӣ, сарфаи вақт ва хароҷоти муштариён, васеъ намудани доираи хизматрасониҳои молиявӣ ва беҳтар намудани идоракунии равандҳои бонкӣ замина фароҳам созад.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар самти такмили сиёсати инноватсионии ташкилотҳои қарзӣ, ҷорӣ намудани маҳсулоти нави бонкӣ ва беҳтар намудани механизмҳои хизматрасонии рақамӣ истифода шаванд.

Ҳамзамон, ба назари мо:

1. Дар таҳқиқот ба рушди хизматрасониҳои рақамии бонкӣ таваҷҷуҳи зарурӣ дода шудааст, аммо масъалаҳои вобаста ба арзёбии хавфҳои киберӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ метавонанд муфассалтар баррасӣ гарданд. метавонад бештар мавриди таҳлил қарор гирад.
2. Ба масъалаи таъсири навовариҳои бонкӣ ба самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст, вале истифодаи нишондиҳандаҳои мушаххаси иқтисодӣ барои баҳодиҳии самаранокии технологияҳои ҷорӣгардида метавонист натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам асоснок намояд.

Ин пешниҳодҳо тавсиявӣ буда, арзиши умумии илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодашударо коҳиш намедиҳад.

Автореферат аз ҷиҳати сохтор ва мазмун мантиқан таҳия шуда, масъалаҳои асосии таҳқиқот, натиҷаҳои илмӣ ва аҳаммияти амалии онҳо дар сатҳи зарурӣ инъикос ёфтаанд. Маводи пешниҳодшуда шаҳодат медиҳад, ки муаллиф оид ба масъалаи интихобгардида таҳқиқоти мустақилона анҷом додааст.

Scanned with CamScanner

Бо дарназардошти аҳаммияти мавзӯъ, сатҳи таҳқиқоти илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада, диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзӯи «Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт» ба талаботи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

Муқарриз:

Дотсенти кафедраи назарияи иқтисоди
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав», номзади илмҳои
иқтисод, дотсент Нориён Ф.И.

Дурустии имзои дотсенти кафедраи
назарияи иқтисоди МДТ «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
Номзади илмҳои иқтисод, дотсент Нориён Ф.И.-ро
тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и «ДДБ ба номи Носири Хусрав». Исҳоқзода М.М.

«18»«09» соли 2026

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯч. Айнӣ 67;
Тел: 8(3222)2-54-81, 2-22-53;
Почтаи электронӣ: bgu-1978@mail.ru;
Сомона: www.btsu.tj.